HZTTRMY
HOZIRGI ZAMON TA’LIM-TARBIYA TIZIMINI
RIVOJLANTIRISH: MUAMMO VA YECHIMLAR”
XALQARO ILMIY-AMALIY KONFERENSIYA
DENOV, 16-OKTABR 2025 YIL
in-academy.uz

# ОМӮЗИШИ АЪЗОҲОИ ҶУМЛА ҲАМЧУН ПОЯИ РУШДИ НУТҚИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**Ғуломзода Фаризаи Ҷамшед**
Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнав Факултети педагогика равияи таҳсилоти ибтидоӣ, донишҷӯи соли сеюм гурӯҳи 8-БТ.
Email: dilbarqudratova68@gmail.com
https://doi.org/10.5281/zenodo.17338915

**Аннотатсия:** Мақолаи мазкур ба масъалаи омӯзиши аъзоҳои ҷумла дар синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Дар он аҳамияти дурусти фаҳмидани аъзоҳои ҷумла барои рушди нутқи кӯдакон ва ташаккули забоншиносии онҳо таҳлил мегардад.Мақола барои омӯзгорон, методистон ва волидайн манфиатдор дар рушди забонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешбинӣ шудааст.

**Калидвоҷаҳо:** аъзоҳои ҷумла, мубтадо, хабар, муайянкунанда пуркунанда, ҳол, таълими ибтидоӣ, забоншиноси, калима, ҷумла, ибора, синфҳои ибтидоӣ, омӯзиши аъзоҳои ҷумла, нутқи кӯдакон.

**Annotatsiya:** Ushbu maqola boshlang'ich sinflarda gap boʻlaklarini o'rganish masalasiga bag'ishlangan. Gap boʻlaklarini toʻgʻri tushunishning bolalar nutqini rivojlantirish, lingvistik koʻnikmalarini shakllantirishdagi ahamiyati tahlil qilinadi. Maqola boshlang'ich sinf o'quvchilarining lingvistik rivojlanishiga qiziqqan o'qituvchilar, metodistlar va ota-onalar uchun mo'ljallangan.

**Tayanch soʻzlar:** gap boʻlaklari, ega, kesim, aniqlovchi, toʻldiruvchi, zamon, boshlangʻich ta’lim, tilshunoslik, soʻz, gap,  boshlangʻich sinflar, gap a’zolarini oʻrganish, bolalar nutqi.

**Abstract:** This article is devoted to the issue of studying sentence parts in primary grades. It analyzes the importance of correctly understanding sentence parts for the development of children's speech and the formation of their linguistic skills. The article is intended for teachers, methodologists and parents interested in the linguistic development of primary school students.

**Key words:** parts of speech, possessive, participle, determiner, complement, tense, primary education, linguistics, word, sentence, primary grades, study of parts of speech, children's speech.

**Аннотация:** Статья посвящена изучению частей речи в начальных классах. Анализируется значение правильного понимания частей речи в развитии речи детей и формировании языковых навыков. Статья предназначена для учителей, методистов и родителей, интересующихся языковым развитием учащихся начальной школы.

**Ключевые слова:** части речи, притяжательный падеж, причастие, детерминатив, дополнение, время, начальное образование, языкознание, слово, предложение, начальные классы, изучение частей речи, детская речь.

Забон яке аз асосҳои муҳими рушди тафаккур ва қобилияти муошırати шогирдон мебошад. Омӯзиши сарфу наҳви забон, бахусус аъзоҳои ҷумла, дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо барои дуруст навиштану хондани хонандагон муҳим аст, балки дар ташаккули нутқи хаттӣ ва шифоҳии онҳо нақши бузург дорад. Омӯзиши дурусту самараноки аъзоҳои ҷумла метавонад заминаи мустаҳками маърифатии хонандагонро

барои синфҳои болоӣ таъмин намояд. Аъзои ҷумла муҳимтарин воҳидҳои наҳв (синтаксис), ки бо калимаҳои мустақилмаъно ё таркибҳо ифода ёфта, ба вазифаи сараъзо (мубтадо ва хабар) ё аъзои пайрав (муайянкунанда, пуркунанда, ҳол) меоянд ва дар алоқамандӣ бо калимаву таркибҳои дигар дар сохтани ҷумла чун маводди асосӣ хидмат мекунанд.Аъзоҳои ҷумла унсурҳое мебошанд, ки дар таркиби ҷумла нақшҳои гуногунро иҷро мекунанд ва барои фаҳмиши маънои ҷумла муҳиманд. Онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: аъзоҳои асосии ҷумла (мубтадо ва хабар) ва аъзоҳои ёрирасон (музоф, муайянкунанда, ҳол ва илова). Омӯзиши ин мафҳумҳо ба хонандагон кӯмак мекунад, ки таркиби ҷумлаҳоро дуруст дарк кунанд ва худ низ ҷумлаҳои саҳеҳ созанд.. Дар маҷмӯъ аъзои ҷумла бо ҳамдигар муносибатҳои маъноӣ ва грамматикӣ пайдо карда, фикрро ифода мекунанд. Дар сохтори наҳвии ҷумла сараъзо - мубтадо ва хабар чун бунёди асосии ҷумлаи сода ва аъзои пайрав - муайянкунанда, пуркунанда, ҳол ба шарҳи сараъзо ва ҳамдигар омада, маънои мубтадо, ки соҳиби амалу ҳолату аломати ҷумла аст ва маънои хабарро, ки ифодакунандаи воқеъшавии амал, ҳолат ва аломат аст, инчунин маънои ҳамдигарро аз ҷиҳати муносибатҳои гуногун: аломату соҳибият, мафъули амал, замону макон, сабабу мақсад ва ғ. пурра мекунанд. Он аъзои ҷумларо, ки бо ёрии калимаву таркибҳои дигар эзоҳ ёфтааст, аъзои тафсилии ҷумла меноманд. Аз ду зиёда мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ё ҳол пайваст шуда омада, муносибатҳои грамматикии яксонро ифода мекунанд ва аъзои чидаи ҷумларо ташкил медиҳанд: Майса ва сабзаҳо дар зери гарду ғубори рег монда, пажмурда шуда буданд (мубтадо ва пуркунандаи чида). Аъзои истисноии ҷумла бар эзоҳи аъзои асосӣ омада, замону макони амалро равшантар мегардонанд: Назар ба қавли падарам - Сайидмуродхоҷа, падари ӯ - Сайидмуродхоҷа одами хаттусаводнок буд.

Усулҳои омӯзиш дар синфҳои ибтидоӣ: Омӯзиши аъзоҳои ҷумла бояд марҳила ба марҳила, дар асоси синну соли хонандагон ва қобилияти дарки онҳо сурат гирад. Дар зер баъзе усулҳои муассир оварда мешаванд:

1. Намоишӣ (визуалӣ): Истифодаи тахтаи электронӣ, расмҳо, кортҳо ва дигар воситаҳои дидактикӣ барои нишон додани сохтори ҷумла ва нақши ҳар як аъзои он.

2. Амалӣ: Ба мисли ҷудо кардани аъзоҳои ҷумла дар ҷумлаҳои навишташуда, таҳлили ҷумлаҳои оддӣ ва мураккаб, сохтани ҷумлаҳо аз рӯи аъзоҳои додашуда ва ғайра.

3. Бозӣ ва машғулиятҳои шавқовар: Омӯзиши аъзоҳои ҷумла дар шакли бозиҳои таълимӣ (масалан, "Кӣ чӣ мекунад?", "Ҷумларо ҷамъ кун!", "Аъзои гумшударо ёб!" ва ғайра) ба баланд шудани шавқи шогирдон мусоидат мекунад.

4. Муколама ва корҳои гурӯҳӣ: Омӯзгор метавонад хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, ба онҳо вазифаҳои мушаххас диҳад, ки ин усул ҳисси ҳамкорӣ ва малакаи коллективиро рушд медиҳад.

Масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо: Баъзан шогирдон дар фарқ гузоштан байни мубтадо ва хабар ё дигар аъзоҳои ҷумла мушкилӣ мекашанд. Барои бартараф кардани ин мушкилот бояд: Омӯзгор мафҳумҳоро бо мисолҳои осон ва фаҳмо фаҳмонад. Аз машқҳои мунтазам ва такрорҳои муассир истифода барад. Мақсаднок ва пайдарпай омӯзишро ба роҳ монад.

Омӯзиши аъзоҳои ҷумла дар синфҳои ибтидоӣ яке аз самтҳои калидии таълими забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷузъи муҳими грамматика на танҳо ба хонандагон

имкон медиҳад, ки сохт ва маънои ҷумлаҳоро дуруст дарк кунанд, балки заминаи устувори рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳоро фароҳам месозад. Таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи омӯзгорон нишон медиҳанд, ки маҳз дар ҳамин давраи ибтидоӣ асосҳои забономӯзӣ ва тарзи тафаккури мантиқии хонандагон гузошта мешаванд.Дар ҷараёни таълими аъзоҳои ҷумла, омӯзгор бояд ҳам дониши назариявӣ ва ҳам малакаҳои амалӣ ва истифодаи онҳоро дар навиштану гуфтугӯ ба хонандагон омӯзонад. Омӯзиши мавзӯи мазкур набояд танҳо дар доираи мафҳумҳои грамматикӣ маҳдуд бошад, балки бояд бо мавод ва усулҳое ҳамроҳ гардад, ки дар хонанда шавқи фаҳмидани сохтори ҷумла ва истифодаи он дар зиндагии воқеиро бедор мекунад.Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки таълими аъзоҳои ҷумла дар синфҳои ибтидоӣ, агар ба таври дуруст ва босамар ба роҳ монда шавад, на танҳо дониши забониву грамматикӣ, балки нутқ, тафаккур ва ҷаҳонбинии хонандагонро низ инкишоф медиҳад. Бо татбиқи равишҳои муосир, воситаҳои техникӣ ва муносибати инфиродӣ, омӯзиш дар ин самт метавонад аз як фанни академӣ ба як таҷрибаи ҷолиб ва муҳими маърифатӣ табдил ёбад.

## Адабиёти истифодашуда:

1. Абдураҳмонов И. «Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти ибтидоӣ». - Душанбе: Маориф, 2018.
2. Раҳмонов Б. «Сарф ва наҳви забони тоҷикӣ». - Душанбе: Ирфон, 2016.
3. Раҳимзода С. «Методикаи забони модарӣ». - Душанбе: Дониш, 2020.
4. Саидов М. «Таълими савод ва забон дар синфҳои ибтидоӣ». - Душанбе: Аржанг, 2019.
5. ЮНЕСКО. «Роҳнамои омӯзгор барои синфҳои ибтидоӣ» (тарҷумаи тоҷикӣ). - Душанбе, 2017.
6. Amirqulov, A. (2023). HUQUQIY MADANIYATNI SHAKLLANTIRISHDA O 'RTA ASRLAR SHARQ MUTAFAKKIRLARI MA'NAVIY MEROSINING ROLI. Евразийский журнал академических исследований, 3(1 Part 3), 76-79.